# СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Тибқи нақшаи кории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар МД «Кӯдакистони Президентӣ» - и вилояти Суғд семинари омӯзишӣ дар мавзуи «Истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ» баргузор гардид. Дар кори семинар мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ - Бобоева Маҳина Равшановна, мудири шуъбаи фанҳои табиӣ, риёзӣ ва технологияи иттилоотӣ, стандарту барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ - Пӯлодова Гулсара Илёсҷоновна ва ходими илмии муассиса Одилзода Марҳабо, инчунин роҳбарият ва мураббиёни Кӯдакистони Президентӣ иштирок намуда, масъалаҳои татбиқи усулҳои инноватсионии таълим, ташкили муҳити рушддиҳандаи педагогӣ, баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо ва такмили маҳорати касбии кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Зимни баромад Бобоева Маҳина Равшановна таъкид намуд, ки давраи томактабӣ марҳалаи бунёдии ташаккули шахсияти кӯдак буда, маҳз дар ҳамин давра заминаҳои рушди зеҳнӣ, нутқӣ, маърифатӣ, иҷтимоӣ ва эҷодии ӯ гузошта мешаванд. Аз ин рӯ, истифодаи ҳар як усули наву инноватсионӣ бояд пеш аз ҳама ба фаъолсозии фаъолияти маърифатии кӯдак, рушди қобилияти фикрронӣ, мустақилият, эҷодкорӣ ва ташаббускории ӯ равона карда шавад. Дар ин замина мавсуф ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истинод намуд, ки: «таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ зинаи муҳимтарин барои ояндаи онҳо ба шумор меравад». Ҳамзамон зикр гардид, ки нахустин тасаввуроти кӯдак дар бораи олами атроф маҳз дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ташаккул меёбад ва аз ин рӯ, сифати муҳити таълиму тарбия, маҳорати касбии мураббӣ ва интихоби дурусти усулҳои педагогӣ дар рушди минбаъдаи кӯдак аҳаммияти махсус дорад. Одилзода Марҳабо масъалаҳои такмили фаъолияти касбию методии мураббиён, истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва интихоби шаклу воситаҳои муассири ташкили машғулиятҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, ба зарурати пайвастани навоварӣ бо ҳадафҳои мушаххаси таълиму тарбия ишора намуд. Дар

ҷараёни семинар доир ба истифодаи технологияҳои бозӣ, усулҳои фаъолу интерактивӣ, маводи аёнӣ ва захираҳои муосири таълимӣ, рушди нутқ, тафаккур, мустақилият ва эҷодкории кӯдакон мубодилаи афкор сурат гирифт. Дар фарҷом таъкид гардид, ки моҳияти навоварии педагогӣ на танҳо дар истифодаи усули нав, балки дар таъсири воқеии он ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдак ифода меёбад. Аз ин рӯ, татбиқи усулҳои инноватсионӣ бояд ҳадафманд, аз ҷиҳати педагогӣ асоснок ва ба манфиати рушди шахсияти кӯдак равона карда шавад. Семинар дар фазои ҳамкории касбӣ ва табодули таҷриба баргузор гардида, ҷиҳати такмили фаъолияти таълимию методии кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардиданд.


















ТАБИАТ
220В
1 2 3 4
5 6. 7 8
9. 10 11 12
13 14 15 16
17 18 19 20


Кӯдакистон макони поку беолоиш, сарчашмаест, ки
фардо ба дарёҳо омехта ва онро афзун хоҳад кард
Эмомалӣ Раҳмон